**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Рустамов Шуҳрат Рустамович дар мавзуи «Селексия доир ба тағйирпазирӣ ва ирсияти генотипҳои намуди пахтаи *Gossypium barbadense* L» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.**

Пахтапарварӣ дар ҷумҳурии соҳаи асосии хоҷагии кишоварзӣ ба шумор меравад ва самарабахшии он аз назари иқтисоди маълум аст

Барои ба даст овардани генотипҳои нави пахтаи маҳиннах дараҷаи тағйирпазирӣ ва хусусиятҳои ирсияти аломатҳо таҳқиқ шуда, ин индексҳо барои скрининги навъҳо истифода гардид, ки ин аҳамияти илмию амалӣ дошта, муҳимияти кори диссертатсиониро ташкил менамояд.

Кори диссертатсионии Рустамов Ш.Р. дар солҳои 2017-2019 дар кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро карда шудааст. Рустамов Шуҳрат Рустамович фаъолона ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва раванди таълими донишгоҳ машғул шуда, мавзӯи таҳқиқоти илмии худро дар мавзуи «Селексия доир ба тағйирпазирӣ ва ирсияти генотипҳои намуди пахтаи *Gossypium barbadense* L» интихоб намудааст

Дар давоми фаъолияти кориаш Рустамов Ш.Р худро чун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро шарҳ дода, натиҷаҳои илмӣ ба даст овардааст.

Дар ҷараёни таълифи кори диссертатсиониаш ӯ доираи васеи адабиётҳои зиёди ватанию хориҷӣ ва сатҳи омӯзиши дараҷаи тағйирпазирӣ ва хусусияти ирсияти сифати технологии нах вобаста аз хусусияти интихоби ҷуфтҳои волидайнӣ ва усулҳои гуногуни дурагакунии байнинавъӣ дар шароитҳои водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхтааст

Навгонии илмӣ. Ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидорӣ, аз қабили ҳосилнокӣ, зудрасӣ, баромади нах ва хусусиятҳои технологии онро омӯхта истода, аз ҷониби мо бори якум таъсири махсусиятҳои генетикии навъҳои пахтаи маҳиннах, ки аз нигоҳи баромадаш ва ба ирсият гирифтани

аломатҳо дар наслҳо фарқ мекунанд, муқаррар карда шуд. Ҳамчунин дурагаҳои $F_2$ ва $F_3$-и пахта интихоб гардиданд. Кори диссертатсияро бевосита худи унвонҷӯй иҷро намуда, натиҷаи илмии ба даст овардашуда низ таҳқиқоти мустақилонаи ӯ мебошад.

Дар диссертатсия маводҳои ҳарсолаи натиҷаи таҳқиқотҳои баанҷомрасида, бақайдгирии таҷрибаҳои саҳроӣ муаллиф оварда шудааст.

Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда унвонҷӯй Рустамов Шуҳрат Рустамович 11 мақолаҳо нашр намудааст, ки аз он 8 - тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Ӯ натиҷаҳои кори таҳқиқотиашро дар маводҳои конференсияву семинарҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки ҳамасола дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва берун аз он баргузор мегардад баррасӣ намудааст.

Кори диссертатсионии Рустамов Шуҳрат Рустамович дар мавзуи «Селексия доир ба тағйирпазирӣ ва ирсияти генотипҳои намуди пахтаи *Gossypium barbadense* L», ки аз рӯйи ҳаҷму арзиши назариявию амалиаш, навгониҳо, чопи мақолаҳои илмӣ, хулосаҳои илмиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ аст.

Муаллифи кори диссертатсионӣ Рустамов Ш.Р.-ро барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент,
ходими калони илмии шуъбаи
селексияи пахтаи маҳиннахи филиали
Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон
тел: (+992) 919540820) Сангинов А.

Имзои А. Сангинов-ро тасдиқ менамоям,
нозири кадрҳои филиали Институти
зироаткорӣ дар вилояти Хатлон Баротов И.М.